# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Ғайратова Фотима Асламшоевна дар мавзӯи “Ифротгароии ҷавонон дар Осиёи Марказӣ: моҳият ва мушкилоти муқовимат бо он”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – таърихи муносибатҳои байналмиллалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) пешниҳод шудааст.**

Амнияти кишварҳо дар шароити имрӯзаи вазъи сиёсии ҷаҳонӣ яке аз масъалаҳои муҳимтарин ба ҳисоб меравад. Ҳозир ба даст овардани амнияти пурраи ҳар як кишварро дар танҳоӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Бо сабабҳои гуногуни ба ҳама маълуми падидаҳои сиёсии дар вақтҳои охир зуҳурёфта, роҳбарони кишварҳои гуногуни дунёро водор месозад, ки ба масъалаи сулҳу субот ва таъмини амнияти кишвари худ, вусъат додани густариши ҳамкориҳои дуҷониба аҳамияти ҷиддӣ диҳанд. Бе омодагӣ ва тайёрии махсуси тамоми қишри ҷомеа ва махсусан, мақомотҳои дахлдори ҳар як кишвар, амнияту сулҳу суботро дар кишвар таъмин намудан ғайриимкон аст.

Бахусус, дар шароити ҳозираи вусъатёбии гурӯҳҳои террористӣ ва ифротгароӣ, масъалаи шомилшавии ҷавонон ба ин ҳаракатҳои манфӣ дар madди аввал меистад. Аз ҷумла, масъалаи пешгирӣ, мубориза, ошкор намудани сабабу омилҳо, салоҳияти ҳукуматдорон ва мақомотҳои дахлдор дар ин ҷода, омодагии кишвар ва соҳаи ҳарбии он, ба ҷойи кор таъмин намудани насли наврас, сиёсати дохилӣ ва берунии ҳар як кишвар ва дигар падидаҳо ба мушкилоти назарраси ҷомеа мубаддал гаштааст. Аз ин рӯ, таҳияи таҳқиқотҳои илмӣ дар ҷодаи шомилшавии ҷавонон ба ҳаракатҳои ифротӣ ба яке аз вазифаҳои муҳими илми муосир мубаддал гаштааст.

Ошкор, муайян, мушаххас кардани сабабу омилҳо, сарчашмаву заминаҳои пайдоиш, таҳияи барномаву стратегияҳои муқовимат бо ин падида, дида баромадани чораҳои давлатӣ, ошкор намудан ва таҳияи роҳу усулҳо, воситаҳои пешгирии ин падидаи манфӣ дигар аз вазифаҳои

муҳими ҷомеаи муосир гаштааст, ки дар ин ҷода, ҳамкории мутақобилаи байни қишрҳои гуногуни ҷомеа, мақомотҳои дахлдор, ҳамкории байнидавлатӣ ва минтақавӣ дар мубориза бо чунин падидаҳои номатлуб аз манфита холӣ нест. Аз ин рӯ, вобаста ба чунин омилҳо ва масъалаҳои зикршуда, рисолаи илмии уновонҷӯ Ғайратова Ф.А. дар мавзӯи "Ифротгароии ҷавонон дар Осиёи Марказӣ: моҳият ва мушкилоти муқовимат бо он", мубрам ва воқеӣ ба ҳисоб рафта, метавонад барои пешгирии ин падидаи манфӣ ва шомилшавии ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротӣ бевосита кӯмак ва мусоидат кунад.

Дар рисолаи мазкур муаллиф мубрамият, объекту предмети мавзӯъ, мақсад ва вазифаҳои гузошташударо, навгонии таҳқиқот, нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешкашударо, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, базаи иттилоотии он ва дигар нуқтаҳои муҳими рисоларо дақиқу возеъ нишон дода, аз усулҳои умумилмии маърифат, назария ва таърих, мутобиқати усулҳои таърихнигорӣ, объективият ва системанокӣ, маҷмуӣ будани онҳо, равишҳои тамаддунӣ, мушахасси таърихӣ ва таҳлилӣ-муқоисавӣ васеъ истифода бурдааст, ки аз муҳимияти мавзӯи мазкур дарак медиҳад.

Дар таҳқиқоти мазкур муаллиф аз сарчашмаҳои гуногуни илмӣ, сиёсӣ, таърихӣ, ВАО, шабакаи Интернетӣ, ҳам олимону таҳқиқотчиёни ватанӣ ва ҳам олимону таҳқиқотчиёни хориҷӣ васеъ истифода бурдааст, ки оиди мушаххас коркард кардани он хабар медиҳад. Дар робита ба корҳои анҷомдодашуда ва натиҷаҳои бадастомада дар ин рисолаи илмӣ чунин масъалаҳо мушаххас гардонида шудаанд:

1. Таҳлили муқоисавии моҳият ва хусусиятҳои хоси ифротгароии ҷавонон ба амал оварда шудааст;

2. Омӯзиши заминаҳои идеологӣ, миллӣ, динӣ ва иҷтимоии зуҳури ифротгароии ҷавонон ба анҷом расонида шудааст;

3. Ташаккул ва вазъи имрӯзаи ифротгароии ҷавонон дар Осиёи Марказӣ тавсиф шудааст;

4. Дурнамои тавсеаи ифротгароии ҷавонон дар Осиёи Марказӣ муайян шудааст;

5. Роҳҳо ва воситаҳои рафъи ифротгароии ҷавонон дар қаринаи таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор ва мушаххас карда шудаанд;

6. Тавсияҳо ҷиҳати беҳтар намудани кор дар самти мубориза бо ифротгароии ҷавонон пешниҳод карда шудаанд.

Бояд қайд кард, ки омилу сабабҳо, заминаҳо ва сарчашмаҳои ошкорнамудаи муаллиф дар бобати ифротгароии ҷавонон, натиҷаҳои бадастомада ва хулосаи рисолаи мазкур, навгонии он ва нуктаҳои ба ҳимоя пешкашшуда аҳамияти ҳам назариявӣ ва амалиро соҳиб шуда, бобати мубрамият ва замонавӣ будани масъалаи мазкур шаҳодат медиҳанд. Умуман, дар маҷмӯъ метавон чунин хулоса кард, ки таҳқиқоти гузаронидашудаи диссертант анҷомёфта ба ҳисоб рафта, пешниҳодҳои муаллиф бобати муқовимат ва пешгирии шомилшавии ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротӣ, қобили дастгирист ва илман ассосноканд.

Аз нигоҳи мо дар гузаронидани таҳқиқот ва баррасии масъалаи мазкур, ба муаллиф мебоист, ки масъалаҳои ҳамкориҳоро дар яке аз қисматҳои рисола ҷой мекард, махсусан, ҳамкориҳои мақомотҳои низомии кишварро бо мақомотҳои дахлдори дигар кишварҳо, ки инро мо ба норасоӣ дохил накарда, балки ҳамчун як пешниҳод тавсиф мекунем.

Дар интиҳо, мазмун ва муҳтавои автореферати рисолаи илмӣ онро хотиррасон мекунанд, ки рисолаи илмии Ғайратова Фотима Асламшоевна дар мавзӯи “Ифротгароии ҷавонон дар Осиёи Марказӣ: моҳият ва мушкилоти муқовимат бо он” ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.11.2016, №505 тасдиқ гардидааст ва Дастурамал оид ба барасмиятдарории рисолаҳои илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва

доктори илм, автореферати ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзӯи рисола, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.06.2017, №3\1 тасдиқ шудааст, мувофиқат намуда, уновонҷӯ бошад, сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – таърихи муносибатҳои байналмиллалӣ ва сиёсати хориҷӣ мебошад.

Раиси комиссия оид ба одоби
вакилони Маҷлиси намояндагони
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,
н.и.ф, дотсент Баротзода Ф.

Имзои Баротзода Ф – ро тасдиқ менамоям.

Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории
махсуси дастгоҳи Маҷлиси
намояндагони Маҷлиси Олии
Ҷумҳурии Тоҷикистон, Турахонов Ф.